Пешниҳоди лоиҳа барои баррасӣ

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2018, №737» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 6 июни соли 2018, №02-931 барои баррасӣ ба вазорату идораҳо ирсол карда шудааст.

Дар як вақт лоиҳаи мазкур бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар гушаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ-лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) ҷойгир карда шудааст, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон метавонанд хулосаи худро ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоянд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон